**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2015**

**МИРЗОЕВ С.**[1]

# ТАҚРИЗ БА КИТОБИ А.НАСРИДДИН «ТАЗКИРАИ ШУАРОИ ХУҶАНД» (Теҳрон, 1386.-378 саҳ.)

Дар мақола роҷеъ ба китоби адабиётшиноси маъруф Абдулманнони Насриддин «Тазкираи шуарои Хуҷанд» сухан рафтааст. Муаллиф нишон додааст, ки тазкираи мазкур қимати баланди илмӣ дошта, саҳифаҳои тозае дар адабиётшиносии мост, ки берун аз марз, дар Эрон ба чоп расида.

**Вожаҳои калидӣ:** Хонадони Хуҷанд, тазкира, адабиётшинос, шоирон, Соинуддин, донишмандон.

Чархи таърих ба ҷаҳони илму андеша хонаводаҳои фазилатдӯсту донишпарвареро ворид намуд, ки эшон бо фазилату фиросат ва дирояту заковат,инчунин ба анвори ҳикмату ирфон дунёи маънавии башарӣ ва тааммули инсониро нуру сафо бахшидаанд. Яке аз хонаводаҳое, ки садҳо афроди барӯмандро дар домани фарҳангии худ парварда ва ёду овозаашон дар кутуби адабию таърихӣ ба иродатмандӣ мазбут аст, дудмони Хуҷандиён ба шумор меравад.

Дар ин раҳгузар китоби андешаманди соибназар Абдулманнони Насриддин «Тазкираи шуарои Хуҷанд», ки аз тариқи интишороти «Вазорати умури хориҷӣ»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон ба зевари табъ ороста гардидааст, дар накду баррасии ҳолнома ва ҷаҳоншиносии суханварони Хуҷандӣ аз ҳар нигоҳ муҳим ва муфид мебошад.

Иродатмандони каломи бадеъ ва ноқидони имрӯзи сухани форсӣ он деҳқони асили замини баруманди илму андешаро дер боз мешиносанд ва ситти суханаш низ ба марокизи бонуфузи илмӣ ба мисли Теҳрону Табрез ва Ҳинду Маскав шоеъ гардидааст. Агар ба таҳқиқ ва инсофан сухан бигӯем осори қаблан нашрнамудаи адабиётшинос Абдулманнони Насриддин: «Нависанда ва шореҳи осори адабӣ», «Маърифат ва шарҳи адабиёт», «Сеҳри мубин», «Сухани фаришта», «Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик» (дар ду қисм) «Чиҳил мақола» ва монанди ин аз кутуби мондагор ва ба зоти худ беназиранд.

Нашри «Тазкираи шоирони Хуҷанд» низ аз воқеаҳои дигари илмӣ, фарҳангӣ ва маънавист. Бад-ин ваҷҳ, ки тавассути ин рисолаи арзишманд ворисони ин хоку об аз зиндагинома, осор ва маънавиёти гузаштагони худ аз

[1] **Адрес для корреспонденции:** Мирзоев Садриддин - к.филол.н., ХГУ им. Акад. Б.Гафурова Республики Таджикистан. 735700 Республика Таджикистан. Сагдийская обл. г.Худжанд, 27-Микрорайон, дом 5, кв7. 927566454

наздик ошно мегарданд. Дигар ин ки «Тазкираи шоирони Хуҷанд» бори дигар собит намуд, ки Хуҷанд яке аз шаҳрҳои қадимӣ ва маъруфи сарзамини Мовароуннаҳр буда, аз оғоз махзани маърифату маънавият ва макони донишмандону сухансароён будааст.

Дар ин тазкира ахбору асноди манобеи зиёди адабиву таърихӣ, ки бештари ин мароҷеъ дар осори хаттии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва фарҳангистони забону адаби форсии ҶИ Эрон маҳфузанд, мавриди пажӯҳиши мусаннифи китоб қарор гирифта, тибқи он аҳволу осор, ҷаҳоншиносӣ ва намунаи ашъори 75 нафар суханварони хуҷандиюласл, ки аз ин миён 7 нафарашон бонувони сухангӯй мебошанд, ба таври муфассал ва гоҳе ба тариқи иҷмол баррасӣ шудааст.

Муаллиф дар муқаддимаи китоб аз таърихи шаҳри Хуҷанд ва мақому манзалати он дар миёни шаҳрҳои Мовароуннаҳр сухан ба миён оварда, фарзандони шаҳири ин марзу бум Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Назируддин Маҳмуди Хуҷандӣ, Умар ибни Ҳоруни Хуҷандӣ, Зиёуддин Порсии Хуҷандӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, хонадонҳои Оли Хуҷанд ва Оли Турка , ки Хуҷандро шуҳраи офоқ гардонидаанд, ба виқор ёдовар шуда, «танзиму нашри тазкираи шуарои Хуҷанд ва тазкираи шуарои шаҳрҳо ва манотиқи дигарро аз вазоифи арзишманди муҳаққиқони адабиёти форсӣ медонад» [саҳ:7-8].

Ба иттифоқи соҳиби китоб ағлаби фузало ва уламои Хуҷанд соҳибдевон буданд, аммо осори қисме аз онҳо ба ҳаводиси рӯзгор аз байн рафтааст. Вале ақдами шуарои хуҷандӣ, ки осорашон қисман то замони мо маҳфуз мондааст: Садриддини Хуҷандӣ, Ҷамолуддини Хуҷандӣ, Шиҳобии Хуҷандӣ, Аҷабии Хуҷандӣ, Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Хуҷандӣ, Зиёддин Порсии Хуҷандӣ, Баҳоуддини Хуҷандӣ ва Шайдои Хуҷандӣ мебошанд.

Бибояд гуфт, ки дар боби муаррифии чеҳраҳои хонадони Хуҷандӣ, дар ин сад соли охир як идда тадқиқот ба муомилоти илмӣ ворид гардидаанд, ки аз ҷониби андешамандони ватанӣ устод Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Саъдулло Асадуллоев, Мирзо Мулоаҳмедов, Эргашалӣ Шодиев, Усмон Каримов сурат гирифта буданд ва муаллифи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» низ дар муқаддимаи китоб аз заҳмати адабпажӯҳони номбурда, бо камоли ихлос ёд кардааст.

Аммо, ҳар кӣ аз аҳли фазл бо ин китоб ошноӣ ёфт, хоҳад дарёфт, ки пажӯҳиш ва мутолиоти муаллиф дар доираи васеъи илмӣ ҷараён гирифта, бар мабнои мароҷеи тирози аввали адаби форсӣ нафарони зиёдеро аз донишварони хуҷандӣ барои аввалин бор дар китоби « Тазкираи шуарои Хуҷанд» иттилоъ додаст, ки дар таълифоти донишмандони фавқуззикр ёде аз онҳо нарафтааст.

Барои муайян кардани андозаи заҳамот ва хидматҳои мусанниф гуфтан кифоят аст, ки ин донишманд 29 тазкираи комил, 24 баёз ва даҳҳо девони ашъор, фарҳангнома, маноқибу нусхаҳои хаттии донишмандони хуҷандӣ, ки дар ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносии Тоҷикистону Ӯзбекистон маҳфузанд, мавриди мулоҳиза ва тааммул қарор додаст.

Сухани мо ин аст, ки адабиётшинос Абдулманнони Насриддин дар шинохт ва маърифати мутуни форсӣ низ табаҳҳур ва иҳотаи комил доштанд, ё ба таъбири дигар, соҳиби матншиносии равишманд буданд.

Аз мутолиаи китоб пайдост, ки муаллиф бо равиши таҳқиқии хоси худ ин корро содиқона анҷом додааст ва он чи аз ин пажӯҳиш ба назари инҷониб хеле ҷолибу судманд ҷило медиҳад, ба қарори зайл аст:

1. Фазилати аслии китоби «Тазкираи шуарои Хуҷанд» он аст, ки мусаннифи он зиндагинома ва осори суханварони хуҷандиро аз нусахи хаттӣ, тазкираву сарчашмаҳои муътамади илмӣ, баёзу ҷунгҳо нақду баррасӣ намуда, андешаву афкори хештанро бар мабнои мароҷеъи тирози аввал, ба монанди «Лубоб-ул-албоб»-и Авфии Бухороӣ, «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур»-и Ровандӣ, «Нузҳат-ул-маҷолис»-и Ҷамол Халили Шарвонӣ, «Мӯнис-ул-аҳрор»-и Бадруддини Ҷоҷармӣ, «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути ҳамавӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Мӯҳтарам, «Армуғони Саббоқ»-и Кароматуллоҳи Саббоқ ва мисли ин матраҳ кардааст.

2. Ба кор гирифтани усули сулолавӣ ё авлодӣ.

Соҳиби тазкира бар пояи ин усул аз як нигоҳ тарҷумаи аҳволи як зумра фарҳехтагони хуҷандиро мураттаб баррасӣ карда, аз нигоҳи дигар барои ба таври муфассал огоҳ будани хонанда аз пайвандони эшон, ки ағлаби онон низ соҳибдевон буданд, ёдовар шудааст.

Таври намуна:

«Муҳаммадаминҷони Хуҷандӣ. Аз ҷумлаи шоирони муҳоҷири хуҷандист, дар Афғонистон рӯзгор ба сар бурдаанд ва дар шаҳри Мазори Шариф рахти сафари охират бастаанд. Эшон дорои се писар буданд-Муҳиддин Махдум, Акмалуддин Махдум ва Камолуддин Махдум…» [саҳ.329].

«Муҳиддин Махдуми Хуҷандӣ- Муҳиддин Махдум писари Муҳаммадамин Махдуми Хуҷандӣ, ки аҳволи эшон баён шуд…» [саҳ.337].

«Акмалуддин Махдуми Хуҷандӣ. Писари дуввуми Муҳаммадамин Махдуми Хуҷандӣ маъруф ба Домуллои Бедил аст…» [саҳ.338].

Муаллиф баробари шарҳу тавзеҳи ҳолнома аз ашъори эшон низ намуна оварда, бар мабнои равиши сулолавӣ ё авлодӣ перомуни 15 нафар сухансароёни хуҷандӣ ба мулоҳиза сухан гуфтааст.

3. Маънишинос ё иҳотаи комил доштани муаллиф бар мутуни форсӣ.

Ҳамчунонки гуфта омад, мусаннифи китоб дар бештари маворид нусхаҳои хаттӣ ва баёзҳои шуарои хуҷандиро мавриди тааммул қарор додааст ва табиист, ки дар ин самти кор мутолиа ва таҳлилу хулосабарории саҳеҳ барои ҳар кас даст намедиҳад. Бад ин ваҷҳ, ки шинохти матни асил ва мансубияти осор аз муҳаққиқ фиросати «улуми адабӣ»-ро тақозо дорад ва мусаннифи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» дар анҷоми ин кори сангин ҳам тавфиқ ёфтааст.

Матлаб ин аст, ки ҷанбаи матншиносии китоб низ қавӣ аст ва адабпажӯҳони моро низ зарур аст, ки бад-ин равиш тазкираву фарҳанг таҳия намоянд, то дар марокизи бонуфузи илмӣ ҳам ба кор ояд.

4.Суханвароне, ки дар доираҳои дигар зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Муаллиф дар ин китоб на танҳо донишварони ҳавзаи адабии Хуҷандро зикр кардааст, балки адибони хуҷандиюласл, ки ба ҳукми таърих ё тақдир аз марзу буми аҷдодӣ ба диёри ғариб рӯ ба ғурбат ниҳода, дар доираҳои адабии Эрону Озарбойҷон, Исфаҳон, Афғонистону Туркия ва Арабу Ҳиндустон каломи форсиро шукӯҳи хоса бахшида, ҳамзамон нисбаи хуҷандиро нигоҳ доштаанд, маълумот додааст.

Ҷиҳати истидлол бар ин қавл ба зикри як намуна иктифо хоҳем кард:

«Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ. Аз ҷумлаи шоирони муосир аст, ки дар Арабистони Саудӣ рӯзгор ба сар бурдааст…» [саҳ. 359].

Мусаннифи китоб дар такя ба тазкираи «Армуғони Саббоқ» аз ашъори Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ намуна овардааст, ки воқеан бозгӯи тарҷумаи ҳоли шоира мебошад, ки интихобан чанд байти онро меорем:

Мо ғарибон аз диёри хештан берун шудем,
Аз ҳама ёрон ҷудо гаштему дил пурхун шудем.
Дур гаштем аз ҳама хешу табору ёру дӯст,
Беилоҷу чора аз ин гардиши гардун шудем…
Сокина Макка, Мадина, Ҷадда, дар Тоиф, Риёз,
Молики мулку макон аз ҳар ҷиҳат мамнун шудем.
Оҷизо, парвои молу мулки дунёро макун,
Лек аз доғи ҷудоӣ лахта-лахта хун шудем [саҳ. 360].

Муаллифи китоби аз Хуҷандиёни Исфаҳон, ки соҳиби китобхона, мадраса ва қабристони алоҳида буданд низ сухан ба миён овардааст, чун Садруддини Хуҷандӣ, Соинуддини Хуҷандӣ, Афзалуддини Хуҷандӣ ва монанди ин.

Ба вижа перомуни рӯзгору осори Соинуддини Хуҷандӣ иттилоъ дода, аз осори форсии ӯ ба ҳайси намуна 21 байт шоҳид овардааст, ки барои аввалин бор дар адабшиносии тоҷик аз ҳар нигоҳ муфид хоҳад буд. Бибояд гуфт, ки Соинуддини Алӣ ибни Муҳаммади Хуҷандӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи ин хонадон буда, адабпажӯҳон бар фарози таҳқиқ ӯро «Спинозаи эронӣ» хондаанд.

Адабиётшинос Абдулманнони Насриддин дар мавориди дигар аз ин китоб перомуни шахсиятҳое ҳарф задаст, ки ба иллати ранҷу азоб ва озурдагиҳое, ки дар зодгоҳ дидаанд нисбаи навро ба асл иваз кардаанд ё дар ҳавзаҳои дигар ба таснифу тадвин машғул гашта, дар манобеи илмӣ ба нисбаи ин ҳавза ё шаҳр муаррифӣ шудаанд. Масалан, роҷеъ ба зиндагиномаи Бадруддини Хуҷандӣ чунин навишта: « Номи номии ин щоир ва донишманди хуҷандиюласл Мавлоно Ҳофиз Бадруддин аст. Вай дар унфувони ҷавонӣ Қуръони каримро ҳифз карда буд, аз ин рӯ, ба номи ӯ унвони Ҳофизро афзудаанд. Ҳофиз Бадруддин муаллифи китоби маъруфи «Бадр-уш-шурӯҳ» аст, ки дар шарҳу баёни мушкилоти девони ашъори Ҳофизи Шерозӣ навишта шудааст. Чун ҳангоми нигориши ин асар муаллиф сокини шаҳри Акбарободи Ҳиндустон буда, дар манобеъи илмӣ ба нисбати Акбарободӣ муаррифӣ шудааст. Аммо афроде, ки бо китоби «Бадр-уш-шурӯҳ» ошноӣ доранд, огоҳанд, ки дар зимни «аҳволи ҳазрати шореҳ», ки ношир нигоштааст, бар хуҷандиюласл будани Ҳофиз Бадруддин таъкид шудааст» [саҳ.162].

5. Дигар муҳассаноти ин асари арзишманд он аст, ки муаллиф ахбору асноди тазкираву сарчашмаҳои мухталифро бо камоли ҳавсала омӯхта, афкору орои хешро муҳаққиқона ва мудаққиқона баён кардааст, ба сухани дигар таҳлилу хулосаҳои муаллифи китоб ҷанбаи интиқодиро моликанд. Таври намуна: «Ба эътиқоди ин муаллиф, яъне (Садри Ҳошимӣ- С.М) Садруддин Абулқосим ибни Муҳаммад табъи шоирии бештаре доштааст. Аммо ин санад печидагиҳоро бартараф намекунад, зеро афроди дигари ин хонадон, ки соҳиби унвони ифтихории Садруддин буда, низ шеър мегуфтаанд».

Аз он ҷо, ки ҳама ин афрод пеш аз таълифи «Лубоб-ул-албоб» мезистаанд, аз рӯи ин тазкира низ наметавон ба натиҷае расид. Муаллифи

«Ҳафт иқлим» низ пойбанди ахбори «Лубоб-ул-албоб» аст. Танҳо коре, ки ӯ анҷом дода ин аст, ки илова бар рубоиёте, ки Муҳаммад Авфӣ оварда, ин рубоии Садруддини Хуҷандиро аз манбаи дигар нақл кардааст…» [ саҳ. 17].

Ба ҳамин минвол мусаннифи китоб асноди сарчашмаҳои мухталифро дар мизони нақд санҷида, хулосаҳои хештанро зимни ин масъала ба таври равшан баён мекунад, ки шарҳу тавзеҳи он аз ҳадди ин мақолаи мухтасар берун аст.

Фазоили китоб беш аз он аст, ки ин ҷо гуфта омад ва аҳли таҳқиқ воқифанд, ки гуфтани ногуфтаниҳо мушкил аст. Кӯтоҳи сухан он ки пажӯҳишгари хушкор Абдулманнони Насриддин (манзилашон обод бод) ба тадвини китоби «Тазкираи шуарои Хуҷанд» он файзу баракати маънӣ ва шукӯҳу ҷалоли ҳавзаи Хуҷандро бори дигар барои меросбаронаш муаррифӣ намудааст. Аз ин дидгоҳ устод Абдулманнони Насриддинро ҳаққе бузург ба гардани ин хоку об ва марзу бум аст, агар мардумаш ҳам ба ҷо наовард, рӯзгор фаромӯшкор нест. Ба маврид аст, ки адабпажӯҳони дигари мо ҳам бар пояи ин усул нашри тазкираи шуарои манотиқи дигарро ҳар чи тезтар анҷом бидиҳанд, то заминаҳои мусоиде барои тадвини таърихи ҷомеъи адабиёти тоҷикӣ ба миён ояд. Чун худи устод дар айёми зиндагонии хеш ҳамеша аз ниёзмандии адабпажӯҳии муосири форсӣ –тоҷикӣ ба тазкираи шоирони ҳавзаи Фарғона ва фаротар аз ин кулли адабиёти Фарорудон аз оғоз то имрӯз таъкид менамуданд ва умедворем, ки идомаи ин роҳ аз ҷониби пайравону муридони устод амре савоб ва василае муборак дар шодмонии равони поки он бузургвор хоҳад буд.

**МИРЗОЕВ САДРИДДИН**

## РЕЦЕНЗИЯ НА КНИГУ А.НАСРИДДИНОВА «ТАЗКИРЕ ПОЭТОВ ХУДЖАНДА»

В рецензии рассматривается исследование и научное комментирование книги известного таджикского ученого А. Насриддинова «Тазкире поэтов Худжанда». В ней автор раскрывает научно-художественную ценность работы, принципы исследования тазкире, а также научные достижения профессора А. Насриддинова, внесшего неоценимый вклад в развитие современного таджикского литературоведения. Также в статье приводятся научные сведения о худжандских поэтах и писателях, проживающих в Исфагане, в частности Саинуддина Худжанди, стихотворные тексты которого в большом количестве использовались ученым в книге в качестве свидетельств.

**Ключевые слова:** Династия Худжанда, тазкире, литературовед, поэты, Саинуддин, учёние, текст.

**MIRZOEV S.**

## THE STUDY OF LITERATURE OF KHUJAND (REVIEW TO A.NASRIDDINOV'S BOOK "TAZKIRA OF THE POETS OF KHUJAND")

The review deals with the scientific comments of the famous Tajik scientist A.Nasriddinov's work "Tazkira of the poets of Khujand". The reviewer considers the scientific and fictional features of the work, the study principles of it and the scientific achievement of the professor A.Nasriddinov who made a great contribution to the development of modern Tajik Literal Studies. There is also scientific information about the poets and writers of Khujand who lived in Isfahan. Poems of SainuddinbKhujandi are quoted by the researcher in the book as evidence.

**Key words:** Dynasty of Khujand, tazkira, literature, poets, Sainuddin , scientists.